# 4272 - Ӯ фаҳмид, ки тӯҳфа моли дуздидашуда будааст

**савол**

Амакам ба ман компютер тӯҳфа кард. Баъдтар фаҳмидам, ки дастгоҳ дуздидашуда будааст. Амакам онро аз кӯча харидааст. Оё ман метавонам компютерро (бо худ) нигоҳ дорам (ва онро истифода барам), зеро он тухфаи амакам аст ё бояд онро ба соҳибаш баргардонам? Чунки ман суроғаи ӯро дар компютер ёфтам.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои шумо ҷоиз нест, ки онро нигоҳ доред ва бояд онро ба соҳибаш баргардонед. Ин амонат дар дасти шумост, ки бояд ҳарчи зудтар баргардонида шавад. Амаки шумо бояд пули онро аз фурӯшанда талаб кунад, зеро ӯ чезеро, ки моликаш набуд, фурӯхтааст.

Аллоҳ донотар аст.